«Тасдиқ мекунам»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.и.п., дотсент Сафарзода Д. Ҷ.
_______________________
«20» ____________2026 с.

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи муштараки кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт ( 5.2.21 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)**

Диссертатсия дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» аз ҷониби Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар назди кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон, 19 июли соли 1983 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2006 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон хатм кардааст.

Солҳои 2008-2016 аз вазифаи иқтисодчии шуъбаи бозгардонии қарзҳои Идораи қарздиҳии ҶСП «Фонобонк» шуруъ намуда, то вазифаи сардори Маркази хизматрасонии бонкӣ дар ҶСП «Фононбонк» фаъолият намудааст.

Солҳои 2016-2017 ҳамчун иқтисодчӣ дар Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон, солҳои 2017-2018 дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба ҳайси муҳосиб фаъолият кардааст.

Аз соли 2019 то ин ҷониб ба ҳайси мудири Маркази хизматрасонии бонкӣ дар ҶСК «Ориёнбонк» фаъолият дорад.

Инчунин, аз соли 2024 то ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳамкор, ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул аст, ҳамзамон, унвонҷӯи кафедраи менеҷменти байналмилалии АИДНПҶТ мебошад.

Мавзуи рисолаи илмии Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон тибқи қарори Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2023, №10/13 дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» зери роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Досиев Маҳмадшоҳ Назарович тасдиқ гардидааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» чунин хулоса бароварда шуд:

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Аҳаммияти рӯзафзуни захираҳои обӣ дар сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, амиқии буҳрони ҷаҳонии захираҳои обӣ, зиёдшавии миқёс ва шиддатёбии мушкилоти истифода, истеъмол ва ҳифзи захираҳои оби тоза тақозо менамояд, ки механизмҳои ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии об такмил ва фаъол гардонда шаванд. Моҳияти глобалии мушкилоти мазкурро ҷомеаи ҷаҳонӣ даҳсолаҳо қабл пешбинӣ ва эътироф карда буд. Масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва зарурати фаъолкунонии ҳамкориҳои минтақавии самти мазкур аз воқеияти истифодаи заминҳои минтақавӣ дар шароити минтақаҳои хушк ба вуҷуд меояд.

Ҳолати мазкур ба он вобаста мебошад, ки аз як тараф, тағйирёбии иқлим таъсири худро мерасонад ва аз тарафи дигар, масъалаҳои сифати об, ки нисбати он дар гузашта беэътиноӣ карда мешуд, таваҷҷӯҳи бештар пайдо мекунанд. Илова бар ин, механизмҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии идоракунии захираҳои обӣ дар минтақа, ки дар аввалҳои соли навадуми асри гузашта таъсис ёфта буданд, имрӯзҳо ҷиҳати ба роҳ мондани

ихтилофоти афзоянда оид ба татбиқи меъёри истихроҷи об ва тақсимоти обӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳалли масъалаҳои мазкур ҷустуҷуи равишҳои нави сайъю кушишҳои байналмилалӣ, ҷиҳати дарёфти механизмҳои самарабахши дарозмуддати ҳамкории минтақавӣ бо мақсади ҳалли як қатор масъалаҳои марбут ба истифодаи оқилонаи захираҳои оби минтақаро тақозо менамояд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи об, то андозае ҳам раванди иқтисодӣ ва ҳам сиёсӣ мебошад, ки ба ҳалли ихтилофҳо нигаронида шудааст ва зарурати худи онро зарурати ноилгардӣ ба адолат ҳангоми тақсимоти захираҳои обӣ муайян мекунад. Бинобар он, андешаҳои илмии масъалаҳои ҷустуҷӯйи механизмҳои нави ташкилию иқтисодии истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва ҳифзи зерсистемаҳои обӣ дар заминаи амиқи ҳамкории давлатҳои минтақаҳои Осиёи Марказӣ мубрамият ва сабабҳои интихоби мавзуи диссертатсионӣ шудаанд.

## 2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот бадастовардашуда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

## 3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ робита дошта, аз ҷумла пешниҳодҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ коркард шудаанд, метавонанд дар таҳия ва омӯзиши масъалаҳои иқтисодии соҳаи истифодаи минтақавии об ва идоракунии муштараки захираҳои оби минтақаҳои Осиёи Миёна истифода намоянд.

Такмили механизмҳои мавҷуда ва таҳияи механизмҳои нави ҳамкориҳои минтақавии об хеле муҳим мебошад. Дар чунин шароит

таъкид намудани саъю талошҳои давлатҳои минтақа оид ба масъалаҳои истифода ва ҳифзи захираҳои об, механизмҳои дастгирии мутақобила ва шарикии стратегии байни кишварҳо дар соҳаи истифодаи обҳои фаромарзӣ, ки ба манфиатҳои асосии аҳолии минтақа ҷавобгӯ мебошанд, муҳим аст. Дарки густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи таъмини рушди устувор ва амнияти обию энергетикӣ дар минтақа имкониятҳои бузург фароҳам меорад.

### 4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 13 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо назардошти тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

### РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗУЪ:

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:**

[1-М]. Махмадов Дж.А. Формирование национальной водной стратегии и перспективы регионального водного сотрудничества [Текст] Дж.А. Махмадов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. Душанбе-2017. – №4 (248). – С. 113-119. ISSN 2076-2569.

[2-М]. Раҷабов С.А., Маҳмадов Ҷ.А. Механизмҳои амалигардонии даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2017. №1. С. 172-174, ISSN 0235-005X.

[3-М]. Махмадов Дж. А. Проблемы водных ресурсов в Центральной Азии и сотрудничество в области водопользования [Текст] Дж.А. Махмадов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. Душанбе-2019. – №2 (256) – С. 96-99. ISSN 2076-2569.

[4-М]. Маҳмадов Ҷ.А. Захираҳои обӣ ва истифодаи самараноки он дар муносибатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов // «Идоракунии давлатӣ» маҷаллаи илмию сиёсии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024. – №3 (68). – С. 243-247, УДК: 333.93(584), ISSN 2664-0651.

[5-М]. Маҳмадов Ҷ.А. Самаранокии неруи обии Осиёи Марказӣ ва мушкилоти истифодабарии он дар шароити муосир [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов // «Идоракунии давлатӣ» маҷаллаи илмию сиёсии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024. – №4-1 (69). – С. 204-211, ТДУ: 330.338(575), ISSN 2664-0651.

[6-М]. Маҳмадов Ҷ.А. Механизмҳои татбиқи ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба обу иқлим [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов // «Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният» маҷаллаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024, №4 (12). - С. 185-195, УДК: 338.45:502.8(575.3), ISSN 2790-3567.

[7-М]. Досиев М.Н., Маҳмадов Ҷ.А. Ташаккули иқтисоди «сабз» ва рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун қисми таркибии таъмини амнияти озуқаворӣ дар маҳалҳои кишвар [Матн] М.Н. Досиев, Ҷ.А. Маҳмадов // «Идоракунии давлатӣ» маҷаллаи илмию сиёсии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2025. №1 (72). С. 17-23, ТДУ: 338.22(48), ISSN 2664-0651.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲО ДАР КОНФЕРЕНСИЯҲО:

[8-М]. Маҳмадов Ҷ.А. Захираҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистони пойдевори истиқлолияти иқтисодӣ [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкимии истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» АМИҶТ. Душанбе-2016 С. 142-146.

[9-М]. Маҳмадов Ҷ.А. Самаранокии истифодабарии захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди муносибатҳои кишварҳои Оосиёи Марказӣ [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ – АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе- 2024, – С. 220-226.

[10-М]. Досиев М.Н., Маҳмадов Ҷ.А. Соҳибкорӣ дар бахши муҳити зист ва таъсири мусбии он ба рушди иқтисодии минтақаҳои кишвар [Матн] М.Н. Досиев, Ҷ.А. Маҳмадов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Асосҳои ташкилӣ ва сохторию ҳудудии

худидоракунии маҳаллӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» – АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 8 ноябри соли 2024, – С. 91-101.

[11-М]. Маҳмадов Ҷ.А. Арзёбии захираҳои обии Осиёи Марказӣ: мушкилот ва дурнамо [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ – АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 18 марти соли 2025, – С. 240-248.

[12-М]. Маҳмадов Ҷ.А., Досиев М.Н. Нақши захираҳои обӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии иқлим [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ – АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 18 марти соли 2025, – С. 248-253.

[13-М]. Муҳаммадзода П. А., Маҳмадов Ҷ.А. Нақш ва аҳамияти ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муттаҳидсозии ҷомеаи ҷаҳонӣ [Матн] Ҷ.А. Маҳмадов, П.А. Муҳаммадзода // Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафҳои рушди устувор ва дипломатияи сабз. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (Душанбе, 15 апрели соли 2025). – Душанбе, 2025. –С. 45-52.

## 5. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо

Хулосаҳо ва пешниҳодоти дар натиҷаи таҳқиқот бадастомадаро дар раванди таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили механизмҳои танзими муносибатҳои байнидавлатии об дар минтақаи Осиёи Марказӣ истифода намудаанд. (санади тадбиқот аз 05.09.2025) Инчунин, мавод ва хулосаҳои диссертатсияро мутахассисон метавонанд дар таҳия ва омӯзиши масъалаҳои иқтисодии соҳаи истифодаи минтақавии об ва идоракунии муштараки захираҳои оби минтақаҳои Осиёи Миёна истифода намоянд.

Муқаррароти ҷудогонаи диссертатсия метавонад дар соҳаи таҳқиқотҳои илмӣ оид ба мавзуи мазкур татбиқ ва дар раванди таълими донишгоҳҳо, махсусан, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таълими фанҳои «Иқтисодиёти ҷаҳон», «Экология», «Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демографии он» ва ғайра мавриди истифода қарор дода шавад. (санади тадбиқот аз 11.09.2025)

## 6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошта шуда ва иҷрои вазифаҳои он бевоситаи аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар кори мазкур аз усулҳои таърихӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, умумисозӣ, ҷамъбасткунӣ, таҳияи хулосаҳои мантиқӣ, моделсозӣ, ташхис, аз ҷумла аз усулҳои омӯзиши омилҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва иҷтимоӣ барои муайян намудани механизмҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об истифода намудааст.

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ; тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Досиев М.Н.; баромади муқарризон – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шукуров Б. У., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Ш. Р. ва номзадони илмҳои иқтисодӣ, дотсент Содиқов Р. Ҳ. оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаҳои корҳои нашршудаи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон ҷаласаи муштараки кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт ( 5.2.21 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.
2. Ба Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон нусхаи протокол ва хулосаи ҷаласаи муштараки кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар бораи дуруст ба

расмият дароварда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба марҳилаи навбатӣ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 30 нафар, аз ҷумла 3 нафар доктори илм, профессор иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор - 30 нафар
зид - нест
бетараф - нест

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2026, протоколи №6 қабул шудааст.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи менеҷменти
байналмилалии АИД назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.и., дотсент Қодирова Г. Т.

Мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.и., дотсент Содиқзода П.

Котиби ҷаласа:
н.и.и., дотсенти
кафедраи менеҷменти байналмиалӣ Олимов С. А.

Имзои д.и.и, дотсент Қодирова Г. Т. ва н.и.и., дотсент
Олимов С. А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИД назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
«20» 01 2026 с. Насурдинзода А. Н.

Имзои д.и.и., дотсент Содиқзода П. - ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.

«20» 01 2026 с.